**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 -и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 28 саҳ).**

Ноил гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ боис гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави ҳуқуқию қонунгузорӣ ташаккул ёбад. Дар ин замина инстутҳои ҳуқуқӣ низ бо суръат ташаккул ёфта, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтанд. Аммо, то кунун институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, махсусан функсияҳо ва шаклҳои амалисозии онҳо дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар шакли монографию маҷмуӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода нашудааст. Бо ин назардошт, масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он тибқи қонунгузории кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, ба таҳқиқоти алоҳидаи комплексӣ ниёз дорад.

Бояд тазаккур дод, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳама давру замон падидаи муҳими ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардид ва то инҷониб мубрамияти худро гум накардааст. Махсусан, дар ҷомеае, ки муносибатҳои иқтисодӣ босуръат мавриди тағйирёбӣ қарор мегирад, он боиси ба вуҷуд омадани баъзе мушкилот дар риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ мегардад. Чунин ҳолат боиси содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳо гардида, институти функсияҳои

ҷавобгарии ҳуқуқиро боз ҳам мубрам намуда, таҳқиқоти алоҳидаро дар ин самт тақозо менамояд.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ падидаи комплексӣ ба ҳисоб рафта, дар соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ ба назар мерасад. Дар Тоҷикистон қонунгузории соҳавӣ қабул карда шуда амал мекунанд ва пайваста мавриди таҷдиду такмил қарор дода мешаванд. Аз ҷумла, кодекси ҷиноятӣ, кодекси маданӣ, кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, кодекси меҳнатӣ аз ҷумлаи санадҳои ҳуқуқие мебошанд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳоро танзим менамоянд. Новобаста аз ин, бисёре аз ҷанбаҳои илмию амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Алиев И.И. ба паҳлуҳои норавшани масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст.

Диссертатсияи Алиев И.И. фарогирандаи феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Пажуҳишгар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳоро мутобиқи қонунгузории кишвар таҳқиқ намуда, мафҳум, асосҳои таснифот, шаклҳои амалисозӣ, намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян намуда, дар ин замина як қатор тавсияҳои назариявию амалӣ манзур кардааст. Муаллиф дар автореферат қайд мекунад, ки "шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд дар қонунгузории дахлдор муқаррар карда шуда, ба кадом намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос будани ин ё он шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд муайян бошад. Бинобар ин, вобаста ба

намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқан татбиқ карда мешаванд" (саҳ. 17).

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва конститутсионӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар самти назарияи давлат ва ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 2 воситаи таълимӣ, 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Ҳамзамон дар рисола баъзе масъалаҳои баҳснок ба чашм мерасанд, ки нисбати онҳо бояд мавқеи рисоланавис дақиқ баён карда шавад. Масъалан:

1. Муаллиф дар рисолаи диссертатсионӣ ба сифати намуди љавобгарии ҳуқуқӣ љавобгарии конститутсиониро қайд кардааст. Аммо ӯ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои намуди ҷавобгарии конститутсиониро, ки аз ҷониби олимони муосири ҳуқуқшинос ба сифати намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод ва эътироф гардидааст, дар диссертатсияи худ баррасӣ намекунад. Аз ин рӯ, аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки андешаҳои худро перомуни ин намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод созад.

2. Унвонҷӯ дар автореферат қайд намудааст, ки ҳарчанд дар шаклҳои ҷавобгарии ҷудогона ва меъёрҳои қонунгузорӣ баъзе аз функсияҳои зикршуда мазмунан муқаррар шуда бошанд ҳам, вале танзими ҳуқуқии мушаххаси онро мо зарур мешуморем (саҳ. 23). Вале дар автореферат дарёфт карда натавонистем, ки унвонӯ доир ба кадом танзими ҳуқуқӣ ишора менамояд. Аз ин рӯ, андешаи мазкур норавшан буда, аз муаллифи таҳқиқот асоснокнамоии иловагиро талаб менамояд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини якуми директори иҷроия,
муовини директори иҷроия оид ба илм,
иноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии
Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба
номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.

**Суроғаи муқарриз:** 734003, ш. Душанбе, кӯч. Шоҳтемур, 42.
Тел.: +992 (37) 221-99-02, Email: a.dinorshoh@msu.tj

Имзои Диноршоҳ А.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Пирназаров С.М.
«28» марти 2024 с.

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ